# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992-2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D 020302 – Таърихи умумӣ). – Душанбе, 2026.**

Бо дарназардошти он ки қисми зиёди аҳолии Афғонистонро тоҷикон ташкил медиҳанд ва ин сарзамин бо таърих ва фарҳанги мо иртиботи амиқ дошта, як бахши ҷудонопазири он ба ҳисоб меравад, он ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи таърихшиносон ва донишмандони тоҷик қарор дошт ва дорад. Бешубҳа, ҳамаи равандҳои сиёсии дар Афғонистон рӯйдода ва дар ҳоли рушд қарордошта, ба таври мустақим ё ғайримустақим ба Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд.

Имрӯз, Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ ягона кишвари минтақа ба шумор меравад, ки масъалаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои тоҷикони Афғонистонро пайгирона матраҳ мекунад. Дар тӯли чил соли охир, Афғонистон саҳнаи муборизаҳои мусаллаҳона ва рӯёрӯиҳои доимии бозигарони ғайридавлатӣ боқӣ мондааст - бозигароне, ки ҳамчун манобеи таҳдид ба низомҳои сиёсӣ, амниятӣ ва иқтисодии кишварҳои ҷаҳони сеюм арзи вуҷуд мекунанд. Аксари ин гурӯҳҳо бо дастгирии қудратҳои минтақавӣ ва фароминтақавӣ амал карда, бар зидди суботу рушди Афғонистон ва минтақа равона шудаанд.

Бо гузашти вақт, ин бозигарони ғайридавлатӣ, ки дар ибтидо воситаи иҷрои манфиатҳои геополитикии қудратҳои бузург арзёбӣ мешуданд, худ ба унвони омилони мустақили таҳдид ва дучандкунандаи бӯҳронҳо дар Афғонистон ва берун аз он табдил ёфтанд. Афғонистон, дар раванди фурӯпоши пайдарпайи низомҳои сиёсӣ, боз дар моҳи августи соли 2021 шоҳиди шикасти дигар гардид. Ин бор, бо хуруҷи нерӯҳои ИМА ва иваз шудани низоми Ҷумҳурӣ бо Аморати Исломӣ, кишвари мазкур бори дигар вориди як марҳалаи нави беэътимодӣ ва ноустуворӣ шуд.

Дар ин замина, мавзуи таҳқиқотии Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон таҳти унвони «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» ба сифати як мавзуи муҳимми илми таърих арзёбӣ мешавад. Муаллиф бо истифода аз сарчашмаҳои муътамад ва таҳлили васеи адабиёти илмии марбут ба масъала, вазъияти сиёсиву низомии Афғонистонро дар ин марҳала таҳқиқ намуда, паёмадҳои онро барои минтақа баррасӣ кардааст.

Ҳадафи асосии таҳқиқот омӯзиш ва инъикоси вазъи сиёсию низомии Афғонистон дар солҳои 1992–2001, таҳлили мушкилоти давлатсозӣ ва таъсири онҳо ба амнияти минтақавӣ мебошад. Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва ҳафт зербоб иборат буда, дар муқаддима аҳаммияти мавзуъ, сатҳи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳо, объекти таҳқиқ, мавзуи таҳқиқ, доираи хронологӣ, асоси назариявӣ, пойгоҳи манбаъӣ ва навгониҳои илмӣ шарҳ дода шудаанд.

Муҳтавои асосии таҳқиқот дар автореферат бо ду забон – тоҷикӣ ва русӣ - пешниҳо мегардад. Навгониҳои илмии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбанд, ки он яке аз аввалин кӯшишҳо дар Тоҷикистон ба шумор меравад, ки масъалаи вазъи сиёсиву низомӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистонро дар солҳои 1992-2001 ҳамаҷониба ва дар заминаи назариявӣ ва амалӣ мавриди таҳқиқ қарор медиҳад.

Хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ, ки дар ҷараёни ин таҳқиқот баён гардидаанд, бо далелҳои муътамад ва асосҳои илмӣ пурра тасдиқ ва тақвият ёфтаанд. Автореферати диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон таҳти унвони «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ», ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020302 – Таърихи умумӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда: н.и.т, дотсент, ходими пешбари илмии шуъбаи омӯзиши кишварҳои Шарқ, Маркази шарқшиносӣ ва мероси хаттии АМИТ — Шарипов А.Н.

Имзои Шарипов А.Н.-ро тасдиқ мекунам;
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси АМИТ — Акрамзода Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.

18. 09. 2026